**ВАЗОРАТИ КОРХОИ ДОХИЛИИ**
**ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН**
**АКАДЕМИЯ**

# ЛЕКСИЯ

## Аз фаннӣ ҳуқуқи гражданӣ.

## Мавзуӣ.№5: Ҳуқуқи манзилӣ ва шартномаи кироияи манзили истиқоматӣ.

**вакт 3 соат:**
**лексия 2-соат:**
**семинар 1-соат:**

**Дар ҷаласаи кафедраи фанҳои ҳуқуқи гражданӣ муҳокима ва тасдиқ шудааст.**
**Протокол №__аз ____________________**

**Душанбе – 2020**

**Нақшаи лексия:**

**1. Мафҳуми шартномаи иҷораи манзили истиқоматӣ ва хусусиятҳои он.**
**2. Шартномаи кироям иҷтимоии манзили истиқоматӣ: мафҳум, моҳият ва тавсифи умумии он.**

**Адабиёт:**


1. Конситутсияи Ҷумҳурии  Тоҷикистон аз 6.10.1994.
2. Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.12. соли 1997.
3. Ҳуқуқи гражданӣ, қисми қ. 1(Дар зери таҳрири д.и.ҳ.,
4. профессор М.А.Маҳмудов). – Душанбе: «ЭР-граф», 2007.
5. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми дуюм (доктори илмҳои илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. )
6. Ҳуқуқи гражданӣ, қисми 2 (Дар зери таҳрири д.и.ҳ., профессор
7. М.А.Маҳмудов). – Душанбе: «ЭР-граф», 2007
8. Муртазоқулов Ҷ.С. Ҳуқуқи гражданӣ (Маҷмӯаи масъалаҳо дар
9. ду қисм), қисми 2. – Душанбе, 2008
10. Кодекси граждании Ҷумҳури Тоҷикистон қ. I- аз  30 -уми – уми
11. июни соли 1999
12. Кодекси граждании Ҷумҳури Тоҷикистон қ. II аз11 - уми моҳи
13. декабри соли 1999
14. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қ. 3- ум аз 1 – уми
15. марти 2005 – ум сол
16. Коментарий к гражданскому кодексу РФ часть I Москва 1998г.
17. Коментарий к гражданскому кодексу РФ часть II Москва 1998г.

**ҶС1. Мафҳуми шартномаи иҷораи манзили истиқоматӣ ва хусусиятҳои он.**

**Дар асоси моддаи 36 Конситутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ҳуқуқ ба манзил дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳи сохтмони манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва хусуси таъмин карда мешавад.**

**Мутобиқи моддаи 22- и Конситутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон манзили шахс дахлнопазир аст ба манзили шахс зуран даромадан касеро аз манзил маҳрум кардан манъ аст, ба истиснои мавридҳои қонун муайян кардааст.**

Шартномаи иҷораи манзили истиқомати.

Аз рӯи шартномаи иҷораи манзили истиқомати иҷорадеҳ ӯҳдадор мегардад, ки ба иҷорагир ва аъзои оилаи ӯ манзили истиқоматиро пулаки барои ихтиёрдори ва истифода диҳад. Муносибатҳо аз рӯи шартномаи иҷораи манзили истиқомати тавассути Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мегарданд.

Дар КМ ҶШС Тоҷикистон (дар таҳрири соли 1984) ду намуди шартномаи иҷо ра пешбинӣ шуда буд.: якум, иҷора дар биноҳои фонди манзили давлатӣ ва ҷамъиятӣ (м.56) ва иҷораи ҳавлии ба истилоҳ шахсӣ аз ҷониби шаҳрвандон (м. 139). Шартномаи иҷораи манзили истиқоматие, ки дар КМ айни замон ҷой дорад, дар қонунгузории пешина мавҷуд набуд. Мувофиқи он, шартномаи иҷора байни иҷорадеҳ – ташкилоти истифодаи манзил (агар чунин ташкилот набошад – корхонаю ташкилот ва муссисаи дахлдор) ва иҷорагир – шаҳрванд, ки хонаи истиқоматиро гирифтааст, баста мешавад (м.124-и КМ). **Аз рӯи шартномаи иҷораи манзили истиқомати иҷорадеҳ ӯҳдадор мегардад, ки ба иҷорагир ва аъзои оилаи ӯ манзили истиқоматиро пулаки барои ихтиёрдори ва истифода диҳад (м.698 КГ).** Мутобиқи шартномаи иҷора, иҷорадеҳ барои соҳиби ва истифодаи пӯлакӣ хонаи шахсии истиқоматӣ ё квартираи алоҳидаро ба муҳлати давомноки пурраи муҳлати истеҳлокии (аммортизатсионии) хонаи истиқоматӣ ба иҷорагир медиҳад (мувофиқи КМ).

Аз ин мафҳум хусусиятҳои зерини шартномаи иҷораи манзили истиқоматиро ҷудо намудан мумкин аст: **предмети шартномаи мазкур танҳо он манзили истиқоматиест, ки ба фонди давлати ё ҷамъиятӣ таалуқ дорад; иҷорагир танҳо шаҳрванд шуда метавонад; шартнома ба муҳлати пурраи истеҳлок баста мешавад; шартномаи мазкур ҳадафи тиҷоратӣ дорад. Шартномаи иҷораи манзили истиқоматӣ консенсуалӣ, музднок ва дутарафа аст. Иваз шудани иҷорадеҳ сабаби тағйир додани шартномаи иҷора намегардад.**

Дар шартномаи кирояи иҷтимоӣ дар сурати муввақатан истиқомат накардани кироягир ё аъзоёни оилааш манзил дар давоми шаш моҳ ба номи ӯ нигоҳ дошта мешавад. Хонаи истиқомати дар ҳисоби кироягири муввақатан ғоиб ваё аъзоёни оилаи ӯ дар мавридҳои зерин ба мӯхлати нисбатан бештар нигоҳ дошта мешавад:

1). Хизмати ҳарбӣ дар қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё берун аз ҳудуди он дар ҳайати қувваҳои муссалаҳе, к ибо иштироки Ҷумҳӯрии Тоҷикистон ташкил шудааст;

2). Рафтан ба кор мутобиқи шартномаи муҳлатноки меҳнатӣ ё қарордод, вобаста ба интихоб вазифаи интихоби дар тамоми муҳлати меҳнат;

3). Вобаста ба шароиту характери кор муввақатан, аз ҷои истиқомати доими рафтан (экипажи киштиҳо, кормандони гуруҳхои геологию ҷустуҷӯӣ, экпедиторҳо ва ғайра);

4). Ба тарбияи муассисаҳои давлатии бачагона (ва хешовандони васӣ ё парастор) додани кудакон дар тамоми давраи дар ин муассисаҳо будани онҳо, дар назди хешовандон. Васӣ ё парастор бошад – то ба балоғат расаидани онҳо;

5). Бо сабаби таҳсил – дар тамоми давраи таҳсил (донишҷуён, таълимгирандагони омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, такмили ихтисос);
6). Вобаста ба иҷрои вазифаи васӣ ё парастор ба ҷои дигар рафтан - дар тамоми давра, то қатъи чунин вазифа;
7). Бароимуолиҷа рафтан ё ҷойгир шудан дар профилакторияҳои табобатию меҳнатӣ – дар тамоми давраи дар он ҷо будан;
8). Сафар ба хориҷа, дар ҳолатҳои пешбини намудаи қонунҳо – дар тамоми давраи дар хориҷа будан;
9). Ба ҳасб гирифта шудан ё маҳкум гардидан ба маҳуримият аз озоди ё дигар намуди ҷазо, ки дар маҳали мазкур истиқомат карданро ғайриимкон мегардонад – дар давраи муҳлати дар ҳабс қарор доштан ё то ҳатми давраи муҷозот.

**ҶС2. Шартномаи кирояи иҷтимоии манзили истиқоматӣ: мафҳум, моҳият ва тавсифи умумии он.**

Шартномаи кирояи иҷтимоӣ манзил яке аз намудҳои шартномаи ҳуқуқи гражданӣ буда, дар як вақт шартномаҳои асаосӣ дар ҳуқуқи манзил ба шумор меравад. Истифодаи истилоҳи «иҷтимоӣ» дар нисбати шартномаи кирояи манзили истиқоматӣ ин ҷо шартӣ буда, аз табиати иҷтимоӣ он вобаста аст, чунки манзили истиқоматӣ барои истифодаи иҷтимоӣ дода мешавад. Манзили истиқоматӣ дар чунин маврид ба гурӯҳи аз лиҳози иҷтимоӣ ҳимоянашуда, шаҳрвандони ба беҳсозии шароити манзил ниёзманд (эҳтиёҷманд) дода мешавад. Мутобиқи м.43-и КМ истифода кардани манзили истиқоматии фонди давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба воситаи шартномаи истифодаи манзил сурат мегирад.

Шартномаи кирояи хонаи истиқоматӣ дар биноҳои фонди манзили давлатӣ ва ҷамъияти ба таври хаттӣ, дар асоси ордерӣ хонаи истиқоматӣ байни кироядеҳи ашкилоти истифодаи манзил (дар сурати набудани он – корхона, ташкилоту муассисаҳои дахлдор) ва кироягир, шаҳрванде, ки номаш орер дода шудааст, баста мешавад.

Дар шартномаи кирояи манзили истиқоматӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо дар мавриди истифодаи манзили истиқоматӣ муайян карда мешавад. Шартномаи намунавии кирояи манзили истиқоматӣ, тартиби истифодаи хонаҳои истиқоматӣ, нигоҳдошти манзил ва рӯӣ ҳавлӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Ба муносибатҳое, ки аз шартномаҳои кирояи хонаи истиқоматӣ бармеояд, дар мавридҳои дахлдор инчунин қоидаҳои қонунҳои гражданӣ тадбиқ карда мешавад. Ҳамин тавр, мафҳуми шартномаи кирояи иҷтимоии манзили истиқомиро дар чунин шакл тавсия намудан мумкин аст: **мутобиқи шартномаи кирояи иҷтимоии манзили истиқоматӣ яке тараф (кироядеҳ) соҳибмулки манзили истиқоматии фонди манзили давлатӣ ва ҷамъиятӣ (мақомоти давлатии аз номи он баромадкунандаи ваколатдор) ваё шахси ваколатдор (кироядеҳ) уҳдадор мешавад ба тарафи дигар – шаҳрванд (кироягир) ки ба номаш ордер дода шудааст, манзили истиқоматиро барои соҳибӣ ва истифодабари диҳад.**

Муносибатҳои вобаста ба истифода ва соҳибии манзили истиқоматӣ дар асоси шартномаи иҷроия манзили истиқоматӣ тибқи боби 34-и КГ («иҷроияи манзили истиқоматӣ ») сурат мегирад. Боби мазкур ҳамагӣ аз 698 модда иборат мебошад, ки дар он мафҳуми шартнома пешниҳод карда мешавад. Асосан, муносибатҳо аз рӯӣ шартномаи иҷораи манзили истиқоматӣ тавассути КМ танзим мегарданд.

Дар КМ масоили иҷора (кироя) танҳо дар иртибот бо соҳиби ва истифодаи манзилҳои фонди давлатӣ ва ҷамъиятӣ мавриди танзим қарор гирифтааст, вале иҷора (кироя) – и манзили истиқоматии марбут ба дигар фонҳои манзилӣ пешбини нашудааст. Бинобар ин, вакте зарурати танзими ин масъала ба миён ояд, дар ин ҳолат рӯ ба КГ бояд овард, ки дар он истифодаи меъёрҳои иҷораи биноҳо ва иншоот ба мақсад мувофиқ мебошад. Пас, имрӯз дар муносибатҳои манзилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон се навъи мустаъқили шартномаи иҷораи манзили истиқоматӣ (ба маънои васеъ) ба вуҷуд омадааст. Ҳамин тавр, кирояи иҷтимоӣ, кирояи тиҷоратӣ ва иҷораи манзили истиқоматӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим шудаанд.

**Аз рӯи табиати ҳуқуқии худ шартномаи кирояи манзил ( умуман) дутарафа, консенсуалӣ ва муздок мебошад**. Дар шартномаи кирояи иҷтимоии манзили истиқоматӣ таъиноти манзили истиқоматӣ ва катигорияи фонди манзили аҳамияти калон дорад: ин манзилҳои истиқоматие мебошанд, ки ба таркиби фонди манзили давлатӣ ва ҷамъиятӣ дохил буда, танҳо барои истифодаи иҷтимои таъин шудаанд. Таркиби фонди манзили истиқоматӣ, инчунин хусусиятҳо ва шартномаҳои муҳими шартномаи кирояи иҷтимоии манзили истиқоматӣ дар КМ нисбат ба дигар муносибатҳои дар ин ҷода муфассал танзим шудаанд.

**Тарафҳои шартномаи кирояи иҷтимоии манзили истиқоматӣ. Ба сифати кироядеҳ дар шартномаи мазкур тибқи муқаррароти моддаи м.43- и КМ ташкилоти истифодаи манзил (дар сурати набудани он – корхона, ташкилоту муассисаи дахдор) баромад мекунад. Ба сифати кироягир танҳо шаҳрвандон баромад мекунанд.** Аъзои оилаи кироягир низ дар муносибатҳои манзилӣ нақши муайян дорад. Ба ҷумлаи аъзоёни оилаи кироягир ҳамсари короягир, фарзандон ва волидайни онҳо дохил мешаванд. Фарзандоне, ки оилаи ҳудро доранд ва муқими бо кироягир зиндагӣ мекунанд, танҳо бо розигии тарафҳо аъзои як оила шумурда мешавад. Шахсони ғайри қобили меҳнат агар ба таври доими бо кироягир зиндагӣ кунад, аъзои оилаи кироягир дониста мешавад. Дигар хешу ақрабо, дар баъзе ҳолатҳои мустасно дигар ашхосро, ки бо кироягир якҷоя на камтар аз шаш моҳ зиндагӣ мекунанд бо вай хоҷагии умуми мебаранд, аъзои оилаи кироягир донистан мумкин аст. Баҳсҳо дар мавриди аъзои оилаи кироягир ҳисобидани шахс аз тариқи судӣ ҳал мегардад (м.45- и КМ).

Мувофиқи талаботи КМ (м.44) дар биноҳои фонди манзили давлатӣ ва чамъиятӣ предмети шартномаи кироя, чунин қоида, квартираи алоҳида мебошад. Барои пурра баррасӣ намудани предмети шартномаи кирояи иҷтимоии манзили истиқоматӣ бояд мафҳумҳои «манзили истиқоматӣ», «фонди манзили», «фонди манзили давлатӣ», «фонди манзили ҷамъиятӣ» ва ғайра тавзеҳ дода шаванд. Ба ҳуқуқи манзил катигорияи «манзили истиқомати» (биноҳои истиқоматӣ) аҳамияти муҳим дорад. Мазмуни онро кушодан барои аниқ тадбиқи қонунҳо ва санадҳои меъёри ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои манзилиро ба танзим медароранд, хусусан барои ташкили баҳисобгирии манзилҳои истиқоматӣ (сохтмонҳо) муҳим мебошад.

Мафҳуми манзили истиқоматӣ (сохтмонҳои манзили) дар қонунгузори бо чанд маъно фаҳмида мешаванд: **якум, дар бораи гирифтани ҳамаи намудҳои манзили истиқоматӣ (квртира, бинои истиқоматӣ ва ғайра), ки метавонанд ба сифати объекти шартномаи кироя баромад намоянд; дуюм, ҳамин қисми бинои истиқомкатӣ, масалан манзили истиқоматӣ (квартира, ҳӯҷра дар бинои бисёр**

**квартирадор); сеюм, ҳамчун катигорияи бақайдгирӣ дар баробари бинои истиқоматӣ.**

**Манзили истиқоматӣ – ин майдни алоҳидае, ки амволи ғайри манқул буда барои истиқомати доимии шаҳрвандон мувофиқ буда ба талаботи санитарӣ, техникӣ ва шаҳрсозӣ ҷавобгӯ мебошанд. Манзилҳои истиқоматӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд: 1) бинои истиқоматӣ; 2) квартира; 3) ҳуҷра.**

**Бинои истиқоматӣ** – объектӣ мустақил буда хусусиятҳои худро дорад. Бинои истиқоматӣ – бинои (сохтмонӣ) муайяне фаҳмида мешавад, ки аз квартира ва майдонҳои ёрирасон ки барои қонеъ намудани талаботҳои шаҳрвандон пешбини шудааст, иборат мебошад. Ибораи бинои истиқоматӣ дар баъзе мавридҳо ба маънои васеъ истифода шуда, қитъаи замин, ки дар он бино қарор дорад, алафзорҳои чандинсоларо дар бар мегирад. Бинои истиқоматӣ аз лаҳзаи ба итмом расидани сохтмон, барои истифода аз тарафи комиссия қабул шудани он ва тибқи тартиби муқарраршуда аз тарафи сбъекти дахлдор, ки баҳисобгирии давлатӣ фонди манзилро – Корхонаи фаръии бақайдгирии техникӣ ба амал мебарорад, ҳамчун бинои истиқоматӣ ба қайд гирифта шуда бошад.

**Кваритра** – майдони алоҳидаи истиқоматӣ дар бинои истиқоматӣ мебошад, ки барои зиндагӣ пешбинишуда, баромадгоҳи алоҳида ба берун, ҳавли, подъез ва ё коридори умуми ва ошхонаи алоҳида дорад.

**Ҳуҷра** – ин қисми бо девор ҷудошудаи доимии квартира мебошад. Вобаста ба таъиноташон ҳуҷраҳо ба истиқоматӣ (хобгоҳ, меҳмонхона ва ғайра) ва ёрирасон (коридор, кухня, ҳамом, ҳоҷатхна, амборхона) Ҷудо мешаванд. Ҳуҷраи истиқоматӣ – қисми доимии бо девор ҷудошудаи манзил мебошад, ки барои истиқомат пешбинишуда истифода мешавад. Ҳуҷраҳои ёрирасон – майдони ошхона, каридор, ванна, даромадгоҳ ва ғайра фаҳмида мешавад.

Дар асоси қонунгузорӣ бинои истиқоматӣ ҳамчун амволи ғайриманқул бояд ба қакйди давлатӣ гирифта шаванд. Инчунин ба фонди манзил бояд на танҳо майдонҳои истиқоматӣ, ки барои истиқоматӣ доимӣ пешбинӣ шудаанд, дохил шавад, инчунин ҳамаи майдонҳои истиқоматӣ новобаста аз шакли моликият, бинои истиқоматӣ, биноҳои махсусгардонидашуда (хобгоҳҳо, хонаҳои махсус барои пиронсолони танҳо, хона интернатҳо барои маъюбон, ветеранҳо в.ғ.), квартираҳо, манзили хизматӣ, дигар манзилҳо дар сохтмонҳое, ки барои зиндаги мутобиқанд, дохил шаванд.

Вобаста ба ин майдони истиқоматиро ба ду намуди асосӣ ҷудо намудан мумкин аст: 1) Барои зиндагии доимӣ пешбинишуда, барои истифодаи дурру дароз пешбинишуда; 2) Характери муваққатӣ дошта, яъне сохтмоне, ки барои истифодаи на он қадар дурру дароз пешбинӣ шудааст.

Инчунин, майдони истиқоматӣ вобаста ба намудҳояшон тақсим мешаванд:
1) бинои истиқоматӣ;
2) квартира дар бинои истиқоматии бисёрквартирадор;
3) ҳуҷараи истиқоматӣ;
4) дигар майдонҳо, ки барои истиқомат пешбинӣ шудаанд.

**Фонди манзил – ин маҷмӯи ҳамаи истиқоматгоҳҳо новобаста аз шакли моликият, ки ба он бинои истиқоматӣ, бинои махсусгардонидашуда (хобгоҳ, ятимохона, хона интернатҳо барои инвалидон, ветеранҳо ва ғайра), квартираҳо, манзилҳои хизматӣ, дигар манзилҳо дар сохтмонҳо, ки барои истиқомат мувофиқанд дохил мешаванд.**

Дар шароити ҳозира нақши асосиро тақсими фонди манзил вобаста ба таъиноти манзил мебозад, яъне тақсим мекунанд: 1) фонди манзили истифодаи

иҷтимоӣ – ин манзилҳое, ки ба шаҳрвандон барои истиқомат ҳамчун истифодаи иҷтимоӣ пешбинӣ шудаанд; 2) фонди манзили истифодаи тиҷоратӣ – яъне дар асоси шартномаи кироя истифодабарии манзил бо мақсади ба даст овардани фоида.

**Фонди идоравии манзил- ин маҷмӯи якчанд фондҳо, ки ба якчанд ташкилотҳои алоҳидаи давлатӣ дар асоси ҳуқуқи пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ ва ба муассисаҳо дар асоси ҳуқуқи идораи оперативӣ мебошад.**

**Фонди манзили ҷамъиятӣ – ба фонди манзили ҷамъиятӣ бинои истиқоматӣ ва манзили истиқомати дар дигар сохтмонҳо, дохил мешаванд, ки дар моликияти ташкилотҳои алоҳида қарор доранд. Аз рӯи мазмун бинои истиқоматӣ ва манзилҳо, ки дар моликияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ба фонди манзиле, ки дар асоси ҳуқуқи моликият ба шахсони ҳуқуқи дахл доранд, дохил мешавад.**

Таҳти мафҳуми хусусигардонии манзил – ин дар асоси ихтиёрӣ аз фонди манзили давлатӣ бемузд ба моликияти шаҳрвандон гузаронидани манзилҳои истиқоматие, ки онҳо ишғол намудаанд, мебошад.

**Шартномаи кирояи иҷтимоии манзили истиқоматӣ дар шакли хаттӣ дар асоси ордери манзил баста мешавад.** Аз ин ҷо бармеояд, ки дар муносибатҳо вобаста ба бастани шартномаи кирояи иҷтимоӣ усули ҳуқуки гражданӣ бо усули ҳуқуқии маъмурӣ ҳамоҳанг бояд бошанд. Ордер асоси бастани шартномаи кирояи иҷтимоӣ ва ворид шудан ба манзили истиқоматӣ ба шумор меравад. Дар шартномаи кироя тиҷоратӣ шартномаи кирояи (иҷораи) тиҷоратӣ нақши асоси дорад, барои соҳибмулк бошад ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи моликият. Ордер ва шартномаи кирояи иҷтимоӣ дар алоқамандии ногусастанӣ қарор доранд. Ордер аз рӯи табиати ҳуқуқии худ ҳуҷҷатӣ махсус маъмури мебошад, ки дар он фармоиши ташкилоти истифодаи манзил оид ба додани манзили истиқоматӣ ба шаҳрванд, ки номаш ордер дода шудааст ва аъзои оилааш қайд карда мешавад.

**Ордер асоси ворид шудан ба манзили истиқоматӣ мебошад**, истифодаи манзили истиқоматӣ бошад дар асоси шартномаи кирояи иҷтимоӣ ва қоидаҳои дигар сурат мегирад. Ордер танҳо барои хонаи холӣ ва алоҳидаи истиқоматӣ дода мешавад (м.41-и КМ). Шакли ордерро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Ордер ин ҳуҷҷати (санади) маъмури мебошад, ки дар асоси қарори мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳалӣ дода мешавад. Ордер фақат барои ворид шудан ба манзили истиқоматӣ дода мешавад. Агар манзили истиқомати додашаванда маъқул карда нашавад, шаҳрванд ҳуқуқ дорад аз он даст кашад.

**Муаллими кафедраи фанҳои**
**ҳуқуқӣ граждании Академияи ВКД**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Лейтенанти калони милитсия Давлатзода Ҳ.М.,**